# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович таҳти унвони «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ)**

Дар забоншиносии тоҷик оид ба масъалаи таҳлилу таҳқиқи вижагиҳои унсурҳои ёвари сервазифа, усулҳои корбурди онҳо дар заминаи осори насру назм, накш ва мақому мавқеи чунин захираҳои сарфию наҳвии забон пажуҳишҳои илмии ҷолибе таълиф шудаанд, вале масъалаи мавриди баҳсро наметавон бо анҷом дода шудани ин гуна осори таҳқиқӣ ҳалшуда ва итмомёфта ҳисоб кард. То ҳол доир ба хусусиятҳои зуҳури ҳиссаҳои ёвари нутқ дар кулли даврони инкишофи забони адабии тоҷикӣ (аҳди бостон, давраи миёна ва нав), доираи маънояшон ва монанди инҳо муаммоҳои алоҳида ҷой дошта, интизори таҳлиланд. Диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович ба яке аз ҳамин гуна масъалаҳо – таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир бахшида шудааст.

Пажуҳиш аз муқаддима, панҷ боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

**Дар муқаддимаи диссертатсия** муаллиф доир ба мубрам будани мавзуи пажуҳиш, дараҷаи ҳаллу фаслгардии он дар забоншиносии тоҷик, мақсаду вазифаҳо, асосҳои назариву методологии он, сарчашмаҳои пажуҳиш ва нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшуда, аҳаммияти назариву амалӣ, навгониҳо, саҳми шахсии довталаб, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ андешаронӣ кардааст.

**Боби якум**, ки **«Аз таърихи тадқиқи ҳиссаҳои ёвари нутқ»** ном дорад, фарогири се фасл буда, дар онҳо Курғанов Зохид Дехканович оид ба ковишу тадқиқотҳое, ки аз ҷониби забоншиносони ватаниву хориҷӣ доир ба пешояндҳо, пайвандакҳо ва ҳиссачаҳо сурат гирифтааст, мулоҳизаронӣ кардааст.

**Боби дуюми диссертатсия** мавсум ба **«Таҳаввули вазифаи ҳиссаҳои ёвари нутқ дар даврони бостон ва миёна»** фарогири ду фасл буда, диссертант дар чунин бахшҳо кӯшидааст, ки роҷеъ ба таҳаввули таърихии ҳиссаҳои ёвари нутқ, доираи истеъмоли онҳо, тағйири маънои грамматикии онҳо дар даврони бостон ва миёнаи инкишофи забони тоҷикӣ маълумоти судманди қобили мулоҳизаеро ироа созад.

**Боби сеюми диссертатсия «Усулҳои истифодаи ғайримаъмули пешояндҳову пасояндҳо дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир»** шомили панҷ фаслу ҳафт зерфасл аст ва дар онҳо муаллифи рисола оид ба корбурди пешояндҳои аслии сода ба вазифаи ҳамдигар, ба вазифаи ҳиссаҳои ёвари нутқи дигар, хусусиятҳои корбурди пешояндҳои номии изофӣ ва таркибии номии изофӣ, пасоянди «-ро» ба вазифаи пешояндҳо ва бандаки изофӣ ва ғ. ахбори ҷолиберо матраҳ кардааст.

**Боби чоруми диссертатсия «Усулҳои истифодаи ғайримаъмули пайвандакҳо дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир»** унвон дошта, аз се фаслу ёздаҳ зерфасл ташаккул ёфтааст. Мавзуи меҳварии боби мазкурро вижагиҳои пайвандакҳои пайвасткунандаву тобеъкунанда ва истифодаи онҳо ба вазифаи ҳиссаҳои ёвари дигари нутқ ташкил додааст.

**Боби панҷуми диссертатсия «Мавридҳои хоссаи истифодаи ҳиссаҳои ёвари нутқ дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир»** буда, диссертант доир ба ҳодисаи ҳазфи ҳиссаҳои ёвари нутқ, соматизмҳо – унсурҳои меҳварии ҳиссаҳои ёвари нутқ, қолабҳои пешояндиву пасояндии бофосила ва бефосила, робитаи аносири ёвари сервазифа бо гӯйишҳои забони тоҷикӣ маълумоти муфассали илмиро бо такя ба маводи фактологии зеридаст манзур кардааст.

**Хулосаи диссертатсия** аз 29 банд иборат буда, муҳимтарин бардоштҳои муаллиф дар онҳо нишон дода шудаанд.

Дар баробари дастовардҳои хеле зиёд дар рисола бархе норасоиҳо ба назар расиданд:

1. Дар автореферат баъзе ғалатҳои китобат (с.6, 41) мушоҳида шуд.
2. Дар мавридҳои алоҳида баъзан мисолҳои зиёд оварда шудааст (с.35).

Хулоса, пажуҳиши илмии Курғанов Зохид Дехканович кори мустақилона анҷомдодашуда маҳсуб ёфта, дорои аҳаммияти назариву амалист, он баҳри ошкоргардии таъриху таҳаввул ва доираи маънову вазифаҳои ҳиссаҳои ёвари нутқ мусоидат хоҳад кард.

Диссертатсияи Курғанов З.Д. бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) таъйин шудаанд, мувофиқат мекунад.

Диссертант аз рӯйи мавзуи таҳқиқоташ дар маҷмуъ 34 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз он 17 ададашон дар саҳифаҳои маҷаллаву маҷмуаҳои илмии дар феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва ФР вуҷуддошта интишор шуда, мазмуни кори илмиашро пурра инъикос кардаанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) аст.

**Муқарриз**:
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забони
тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи Моёншо Назаршоев Офаридаев Назрӣ

«Имзои профессор Офаридаев Назриро тасдиқ мекунам».

Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии Хоруғ ба номи
Моёншо Назаршоев Саидраҳмонов М.

**Маълумот барои тамос:**
Нишонӣ: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хоруғ, кӯчаи Ш.Шоҳтемур, 109.
Тел.: 83522-2-27-79
E-mail: KSU.khorog@mail.ru

«15» апрели соли 2024.